**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ**
**ба номи АКАДЕМИК Б. ИСКАНДАРОВ**

**ФОЗИЛОВ ДОРҒАБЕК ФАРОЗОВИЧ**

# ГӮЙИШИ ҒОРОН

## (Лексика ва морфология)

**ДУШАНБЕ – 2024**

**ТДУ**
**ТКБ**

**Бо қарори Шӯрои олимони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ (протоколи № 2 аз 20.02.2024 ) ба чоп тавсия гардид.**

Зери назари
**Қаландариён Ҳоким Сафар**

Муҳаррири масъул
**доктори илмҳои филологӣ, профессор Офаридаев Н.**

Муқарризон:
**доктори илмҳои филологӣ, профессор Аламшоев М.М.**
**номзади илмҳои филологӣ Мирзоев Ш.**

**Гӯиши Ғорон (Лексика ва морфология). – Душанбе: 2024,- 180 саҳ.**

Рисола ба таҳқиқи лексика, фразеология ва морфологияи яке аз гӯйишҳои тоҷикии Кӯҳистони Бадахшон - гӯйиши Ғорони ноҳияи Ишкошим бахшида шудааст. Дар он қабатҳои лексикӣ ва хусусиятҳои морфологии ин гӯйиш дар муқоиса бо забони адабӣ баррасӣ шудааст.

Рисола барои муҳаққиқон, аспирантони забоншинос, донишҷӯёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

**Горонский диалект (Лексика и морфология). – Душанбе: “Сифат-Офсет”, 2024. - 180 стр.**

Монография посвящена изучению лексики, фразеологии и морфологии одного из таджикских говоров Горного Бадахшана – Горонский говор Ишкашимского района. Рассматривается лексические пласти и морфологические особенности говора по сравнению с литературным языком.

Монография предназначена для исследователей, аспирантов-лингвистов, и студентов филологических факултетов вузов Таджикистана.

**ISBN:**

**© Фозилов Д.**

# МУНДАРИЧА

**Пешгуфтор**......................................................................**3**
**Муқаддима**......................................................................5

**БОБИ I. Лексикаи гӯйишии тоҷикони Ғорон**................**13**

Фонди луғавии шева аз ҷиҳати таърихӣ .......................15
Таркиби диалектизмҳои лексикии шева.......................16
Қабатҳои лексикӣ - семантикии гӯйишҳои сокинони мавзеи Ғорон.......................................................................27
Лексикаи шеваи Ғорон аз нуқтаи назари таърихӣ.........33
Таснифоти семантикии воҳидҳои фразеологии шева....51

**БОБИ II: Морфология**..................................................**78**

Исм ....................................................................................78
Сифат ...............................................................................81
Шумора .............................................................................89
Ҷонишин ...........................................................................92
Феъл ..................................................................................98
Зарф .................................................................................113
Пешоянду пасояндҳо .....................................................117
Пайвандакҳо...................................................................122
Хиссачаҳо.......................................................................125
Нидо.................................................................................126
**Тавзеҳоти диалектҳои исмӣ** ........................................128
Номи асбобҳои рӯзгор ...................................................128
Номгӯи сару либос ........................................................129
Терминҳои осиёб ...........................................................130

Калимаву истилоҳоти воситаҳои рӯзгор ва зиндагӣ дар чарогоҳи тобистона (айлоқ) ........................................131
Номгӯи дарахтон ..........................................................134
Номгӯи буттаҳо ...........................................................135
Номгӯи алафҳо ............................................................135
Номгӯи паранда ва хазандаҳо ....................................136
Ғаллакорӣ ......................................................................138
Сабзавоткорӣ ................................................................138
Чорвопарварӣ ...............................................................139
Касбу ҳунар ва машғулият ..........................................139
Калима ва истилоҳоти ифодакунандаи бозиҳо ..........140
Номи одамон ва мафҳумҳои онҳо ...............................140
Луғати шеваи Горон ....................................................144
Адабиёти истифодашуда .............................................172

## Пешгуфтор

Таҳқиқ ва омӯзиши шеваҳои тоҷикӣ, ки муаллиф бо рисолаи худ "Гӯйиши Ғорон (Лексика ва морфология)" ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ҳамчун марҳилаи нави пажуҳиши яке аз шеваҳои то ҳоло омӯхтанашуда маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки зиёда аз ним қарн аст, ки пажуҳиши шеваҳои забони тоҷикӣ давом ёфта истодааст. Оид ба шеваҳои мазкур асарҳо ва мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки дар муайян намудани хусусиятҳои фонетикӣ, лексикӣ ва морфологии шеваҳо саҳми калон гузоштанд. Вале омӯзиши яке аз гӯйишҳои ҷануби шарқӣ, махсусан хусусиятҳои лексикӣ, фразеологӣ ва морфологии гӯйишҳои мавзеи Ғорон, ки бо равиши тоза ҷустуҷӯи усули нави шарҳи илмии онҳо даст зада шудааст, дар пажуҳиши шевашиносии тоҷик аввалин иқдом ба шумор меравад. Ин аст, ки он маводи иловагӣ ҳисоб меёбад.

Дар рисола усули дар алоҳидагӣ таҳлил намудани вожаҳои зиёди лексикие, ки хоси мавзеанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Инчунин омӯзиши таъбирҳои халқӣ бо усули нав низ ҷолиби диққат буда, он дар муайян кардани хусусиятҳои хоси идеомаҳои забони тоҷикӣ мавқеи хос дорад.

Ба қадри имкон аниқу равшан кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ ва ёридиҳанда ба мулоҳиза гирифта шуда, маводи зиёде гирд оварда шадааст. Инчунини дигар муаллиф дар таҳқиқи фразеологияи шеваи Ғорон маводи зиёдеро ҷамъ намуда, бори аввал дар бораи он

андеша рондааст. Дар монография дар натиҷаи омӯзиши ҳиссаҳои мустақили нутқ, инчунин ҳиссаҳои ёридиҳанда, гурӯҳҳои онҳо ба тафсил, бо мисолҳои мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар муқоиса бо шеваҳои дигари ҷанубӣ ва забони адабӣ оварда шудааст. Ба замми ин таъсири забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои вахонӣ ва шуғнонӣ ба шеваи мазкур муайян гардида, алоқамандии шева бо забонҳои ҳамҷавор ва робитаҳои онҳо нишон дода шудааст. Дар кор аломатҳои шартие қабул карда шудаанд, ки ба алифбои забони адабии ҳозираи тоҷик асос ёфта, дар асарҳои шевашиносони тоҷик мавқеи мустаҳкам пайдо кардаанд. Ба кори тадқиқотӣ луғати шеваи Ғорон замима гардидааст.

Тадқиқоти мазкур барои такмили минбаъдаи илми шевашиносӣ, ҳам лексика ва ҳам морфологияи забони адабии тоҷик аҳаммият дорад.

**Мирзоев Ш. – ходими пешбари илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии АМИТ, номзади илмҳои филологӣ.**

# МУҚАДДИМА

Омӯзиши шеваҳои забони тоҷикӣ аз охири асри XIX оғоз гардидааст. Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ лаҳҷашиносӣ яке аз самтҳои пешқадами забоншиносии тоҷик ба ҳисоб мерафт. Махсусан, дар доираи Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АИ ҶШС Тоҷикистон (ҳоз. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) таъсис ёфтани шуъбаи лаҳҷашиносӣ ба омӯзиш, тафтиш ва таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ такони тоза бахшид. Қисми зиёди гӯйишҳои манотиқи гуногуни Тоҷикистон тафтиш гардида, натиҷаи пажуҳиши гӯйишҳо дар рисолаҳо ба таври ҷудогона инъикос гардид.

Дар баробари ин пажуҳиши муқоисавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ сурат гирифта дар мақолаву рисолаҳои тадқиқотӣ ҷамъбаст гардид.

Таҳқиқоти бунёдӣ оид ба лаҳҷашиносии тоҷик ба қалами забоншиносони рус И.И. Зарубин [18], М.С. Андреев [2], В.С. Соколова [52], В.С. Росторгуева [37; 38; 39], А.З. Розенфелд [43, 44, 45], Н.Н. Болдирев [6], Ю.И. Богорад [5], Р.Л. Неменова [32] ва дигарон тааллуқ доранд.

Забоншиносони тоҷик О.Ҷалолов [55], А. Хромов [51], Р. Ғаффоров [11], Ғ. Ҷураев [15], Ш. Исмоилов [20] ва дигарон дар таҳқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ хизмати арзанда намудаанд. Ба қалами эшон даҳҳо рисолаҳои пажуҳишӣ оид ба масоили мухталифи лаҳҷашиносии тоҷик тааллуқ доранд.

Таълифи асари чорҷилдаи ҷамъбастии “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми илмии лаҳҷашиносии тоҷик маҳсуб мегардад. Дар ин асарҳо низоми луғавӣ, савтиётӣ ва сарфу наҳви калонтарин лаҳҷаи забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Тибқи таснифоти В.С. Расторгуева лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати таҳаввулоти таърихӣ, вижагиҳои фонетикӣ, грамматикӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ. 2) Гурӯҳи лаҳҷаҳои марказӣ. 3) Гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ. 4) Гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ - шарқӣ.

2) Таҳқиқи лаҳҷаҳои бадахшонӣ, ки гӯйиши Ғорон низ ҷузъи онҳост, ба гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ марбутанд.

Водии Ғорон дар самти шимоли ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шуда, ҳар ду соҳили дарёи Панҷро фаро гирифтааст. Дар ин мавзеъ лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, ки ба гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ дохил мешавад, густариш ёфтаанд.

Таҳти унвони лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, дар шевашиносии тоҷик гӯйишҳои тоҷикии сокинони водиҳои Ғорон ва Вахони ноҳияи Ишкошим дар назар дошта мешавад. Гӯйиши Ғорон деҳаҳои Хасхоруғ, Андароб, Дашт, Сниб, Деҳлох, Гармчашма, Кӯҳи Лаъл, Сист, Вогз, Шамбедеҳ, Бағуш, Козидеҳ,

Баршор, Авҷ, Мулвоҷ, Яхшивол ва Нудро фаро мегирад.

Азбаски ин лаҳҷа дар мобайни ареали забонҳои помирӣ, аз як тараф забони шуғнонӣ ва аз тарафи дигар забони вахонӣ густариш ёфтааст, теъдоди зиёди луғатҳои иқтибосӣ аз забонҳои помирӣ ба он ворид шудаанд.

Лаҳҷаи тоҷикони водии Ғорон чӣ аз ҷиҳати фонетикӣ ва чӣ аз ҷиҳати лексикию грамматикӣ дорои бисёр фактҳои ҷолиби диққат ва сазовори мушоҳидаю мулоҳиза мебошад.

Солҳои 1952 - 1955 муҳаққиқи дигар Ю.И. Богорад ба таҳқиқи гӯйиши ғоронии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ машғул шуда, мақолаи алоҳида бо номи "Гӯйиши Ғорони забони тоҷикӣ (Горонский говор таджикского языка)" 1963 таълиф намуд, ки арзиши илмии худро гум накардааст [5, 58].

Бояд хотиррасон намоем, ки оид ба гӯйиши Ғорон рисолаи А.З. Розенфелд, ки асосан хусусиятҳои овозӣ ва баъзе ҷиҳатҳои луғавии онро дар бар мегирад [44, 192], рисолаи З.О. Назарова оид ба муқоисаи системаи феъли лаҳҷаи Ғорон бо забони ишкошимӣ [31, 98], рисолаи С.Ф. Шердилова "Тадқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон" [58, 140 - 150] ба табъ расиданд, вале то ҳол лексика ва грамматикаи лаҳҷаи мазкур мавриди тадқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст.

Дар давраи тадқиқот мо дар пеши худ чунин вазифа гузоштем, ки масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл намоем:

а) сабт намудани маводи лексикаи соҳаҳои гуногун аз ҳамаи деҳаҳо;

б) муайян намудани ҳудуди интишори гӯйишҳо дар самти рости дарёи Панҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ҷамъ намудани маводи ибораҳои фразеологии шеваи Ғорон ва шарҳу тафсири онҳо дар муқоиса бо забони адабии ҳозираи тоҷик;

г) дар асоси омӯзиши муқоисавӣ муайян кардани таъсири забони шуғнонӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар таъсири забони вахонӣ ва дигар забонҳо ба шеваи мазкур;

д) муайян намудани нишонаҳои морфологии ҳиссаҳои нутқи гӯйиши мавзеи Ғорон, аз ҷумла аломати ҷамъбандӣ ва номуайянӣ гирифтани исмҳо, дорои дараҷаҳо будани сифат, усулҳои махсуси калимасозӣ, аломатҳои морфологии феълу зарф.

Тадқиқот дар асоси мавод ва маъхазҳои зерин анҷом дода шудааст: асарҳои чопӣ оид ба шеваҳои тоҷик; маводҳое, ки дар давоми солҳои 1997 - 2005 аз тарафи донишӯёни факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии ш. Хоруғ ба номи М. Назаршоев ҷамъ карда шудаанд; маводи Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров.

Муқаррар карда шуд, ки ба гӯйишҳои сокинони мавзеи Ғорони бойгонии ВМКБ забонҳои шуғнонӣ ва вахонӣ таъсир мерасонанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад,

ки мавзеъҳои ҷойгирифтаи Ғорон дар байни 3 забони помирӣ (шуғнонӣ, ишкошимӣ ва вахонӣ) ҷойгир шудаанд, аз ин рӯ, аз рӯи мавқеи географии ҷойгиршавӣ таъсири забонҳо ба гӯйиши сокинони Ғорон дида мешавад. Ҳудуди интишори шеваи Ғорон аз деҳаи Андароб сар карда то маркази Ишкошим, ки ҷамъ қариб 60 км - ро фаро мегирад, дар қишлоқҳои он тарафи сарҳади тоҷикнишини Афғонистон низ гӯйиши мазкур густариш ёфтааст. Аз рӯи нишондоди сокинони калонсоли мавзеъҳои Ишкошим доираи ҳудуди паҳншавии гӯйиши мазкур то қишлоқҳои тоҷикнишини Зебоки Бадахшони Афғонистон мерасад.

Аз рӯи нишондоди олими забоншиноси рус А.З. Розенфелд "Шеваҳои ҷанубӣ дар самти шарқии республика дар Ғорон (ВМКБ), деҳаҳои тоҷикнишини Ишкошим ва Вахон мушоҳида мешавад" [41,12]. Маълум аст, ки дарёи Панҷ як навъи сарҳади сиёсию маъмурии табиӣ байни деҳаҳои Ғорон ва деҳаҳои самти он тарафи дарё, яъне қишлоқҳои Афғонистон мебошад. Алоқаи доимии байни ду сарҳади сокинони мавзеъҳо аз даврони Шӯравӣ то ҳоло вуҷуд надорад.

Омӯзиши шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ҳанӯз аз солҳои аввали асри XX шуруъ шуда буд. Махсусан, асарҳои илмӣ - тадқиқотии профессор В.С. Росторгуева [31; 32; 33], А.З. Розенфелд [35; 36; 37; 38; 39; 40; 41], В.С. Соколова [52], Р.Л. Неменова [26], Ғ. Ҷураев [47], Ю.И. Богорад [4], О. Ҷалолов [46] ва ғайраҳо ҳанӯз аз солҳои сиюми асри гузашта маводҳои зиёдеро дар бар гирифтаанд. Дар солҳои 40 - ум зери роҳбарии И.И.

Зарубин [18] ва В.С. Соколова [52] дар Кӯлоб экспидитсияе гузаронида шуд, ки системанок омӯхтани шеваҳоро ба зимма дошт. Албатта, ин маводи зиёди омӯзиши шеваҳои ҷанубӣ имконият дод, ки қисмати муҳими фонетика, лексика, морфология ва синтаксиси шеваҳо ҳар чи бештар равшан ва пурра карда шуд. Бо вуҷуди ин оид ба гӯйишҳои сокинони мавзеи Ғорони ноҳияи Ишкошим тадқиқот хеле кам ва нокифоя буда, густариши шеваи мазкур тадқиқоти пурраро талаб менамояд.

Материалҳое, ки дар зарфи зиёда аз 30 сол (солҳои 30 - 60) аз тарафи муҳаққиқони шевашиноси тоҷик гирд оварда шудаанд, дар тасвири муқоисавии гурӯҳҳои гуногуни шеваҳои тоҷик ҳамчун далелҳои муътамад хизмат намуданд. Онҳо имконият доданд, ки таснифоти мавҷудаи шеваҳои тоҷик боз ҳам пурра ва равшантар гардад.

Тадқиқоти олимони шевашиносии тоҷик нишон медиҳад, ки лаҳҷаҳои ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ аз тарафи олимон В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд ба таври мукаммал омӯхта шуда, оид ба шеваи Ғорон маълумоти нисбатан камтар дода шудааст. Соли 1964 китоби А.З. Розенфелд “Ванджские говори таджикского языка” аз чоп баромад, ки дар омӯзиши шеваи ҷануби - шарқӣ яке аз таълифоти боарзиш маҳсуб мешавад. Ин асар аз муқаддима, очерки мухтасари грамматикӣ, луғати лаҳҷаҳои Ванҷ, рӯйхати калимаҳои забони ванҷии пешин, топонимҳои Ванҷ ва харитаи интишори лаҳҷаҳои Ванҷ иборат аст.

Ба чоп 14.11.2024 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x100 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 11,25. Теъдоди нашр 50 нусха.
Супориши №

ҶДММ “Сифат - Офсет”
734036, ш. Душанбе,
Тел: (+992) 93-585-72-71